# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба унвонҷӯ дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ Файзалии Мирзоали аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

**Маълумоти мухтасар дар бораи довталаб:** Файзалии Мирзоали 05 ноябри соли 1993 дар ноҳияи Мӯъминобод деҳаи Тебалай дар оилаи зиёи таваллуд шудааст. Унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи акдамеияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 18.11.2022 Фармоиши №49. Солҳои 2011- 2015 дар ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бакалавр, (ихтисоси информатика) ва солҳои 2015- 2017 дар ДДТФР магистратураро (ихтисоси математика ва информатика) хатм кардааст. Касб омӯзгор мебошад. Аз сентябри солҳои 2017 – 2018 ассистенти кафедраи “Илмҳои компютери”-и ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, солҳои 2018-2019 ассистенти кафедраи “Системаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсиони”-и КИ ва ТК ш. Душанбе, Аз моҳи сентиябри соли 2019 то ҳол ба ҳайси ассистенти “Кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳни” -и ДБССТ фаолият дорад.

Мавзуи рисолаи номзадии Файзалии Мирзоали бо унвонии «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» зери роҳбарии **Мирзоев Абдулазиз Раҷабович,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Т оҷикистон мебошад.

Солҳои охир диққати Файзалии Мирзоали ба проблемаи истифодаи технолгияи иттилооти дар дарсҳои МТМУ бештар ҷалб шуда буд. Аз ин рӯ дар кори илмӣ таҳқиқотӣ проблемаҳои исстифодаи ТИК – ро дар ҷараени корҳои ҷустуҷуӣ – эҷодии хонандагон таъмин намудани ҳамгироии маҳоратхои касбӣ дар амал тадбиқ намудан ва истифода намудани маҳорат, таҷрибаву малакаҳои андӯхташуда аз ҷониби омӯзгорон ироа гардидааст.

Дар давраи фаъолияти унвонҷӯӣ Файзалии Мирзоали худро ҳамчун муҳаққиқи масъулиятшинос, ташаббускор, эҷодкор ва навовар муаррифӣ намуда, имтиҳонҳои номзадиашро бомуваффакият супоридааст.

Мақолаҳои илмӣ–методии нашрнамудаи ӯ мундариҷаи асосии дисертатсияро инъикос мекунанд.

Файзалии Мирзоалӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ 27 мақола ба нашр расонидааст, ки 7–тои он дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи Камисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

Унвонҷӯ Файзалии Мирзоали дар конфронсияҳои илмӣ минтақавӣ ҷумҳуриявӣ фаъолона ширкат варзида бо маърӯзаҳои илмӣ бармад намудааст. Ӯ дар байни ҷомеа, ҳамкорон ва донишҷӯён сазовори обрӯю эътибори хоса мебошад.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Файзалии Мирзоали теъдоди зиёди адабиёти илмӣ, педагогӣ ва истифодаи бозиҳои компютерии коромӯзӣ дар корҳои озмоишӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот омӯхтаву таҳлил намуда, бовиҷдонӣ, суботкорӣ, иродаи қавӣ, қобилияти баланди корӣ ва мустақилиятнокиро нишон дод.

Мавзуи рисолаи номзадии Файзалии Мирзоали бо унвонии «Асосҳои педагогии рушди қобилиятҳои ҷустуҷӯӣ-эҷодии хонандагони мӯассиаҳои таҳсилоти миёнаи умӯмӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» ба талаботи Низомномаи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоноид ба додани дараҷаиҳои илмӣ пурра мувофиқ буда, ба ҳимоя тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ; Доктори илмҳои педагогӣ,
профессор, мудири кафедраи барномасозӣ
ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Мирзоев Абдулазиз Раҷабович

11.09.2024

**Маълумот барои тамос:** шаҳри Душанбе, ҳиёбони Борбад 48/5
Тел.+992 2348802, +992918636113; почтаи электронӣ: aziz69@mail.ru

Имзои А.Р. Мирзоев - ро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ ДБССТ Ҷураев Ш.Н.